# Т А Қ Р И З

**ба автореферати диссертатсияи Рӯзиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи “Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ”(дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи “варзобӣ”) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ**

Забони тоҷикӣ яке аз забонҳои бою ғанӣ маҳсуб ёфта, барои ҳифозати таърих, фарҳанг, санъат ва анъанаҳои миллати тоҷик шароити мусоидро фароҳам меорад.

Бойгарии ҳар як забонро маҳз таркиби луғавии бой ва қабатҳои услубии он ташкил медиҳад. Пӯшида нест, ки таркиби луғавии забон дар ҳама давру замон аз ҳисоби шеваю лаҳҷаҳо такмил меёбад. Забони тоҷикӣ низ аз ҷумлаи он забонҳоест, ки аз ҳисоби шева ва лаҳҷаҳои маҳаллӣ ба таври густурда баҳра бурдааст.

Аз мутолиаи автореферати диссертатсия бармеояд, ки он аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти илмӣ ва бадеӣ иборат аст.

Қисмати муқаддимаи диссертатсияи илмӣ мувофиқи талаботи ин намуди корҳои илмӣ таҳия гардида, дар он муаллиф аз мубрамии интихоби мавзуъ, дараҷаи таҳқиқи он, максаду вазифаҳои пажуҳиш, бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи тадқиқоти илмӣ, арзишҳои амалию назарии диссертатсия ва ҳамчунон, масъалаҳои меҳварӣ барои дифоъ маълумот додааст. Бояд зикр кард, ки тамоми қисматҳои муқаддимавии диссертатсия аз ҷиҳати масъалагузорӣ ва муаррифии онҳо дар доираи талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, мантиқан якдигарро тақвият мебахшанд.

Диссертатсия таҳқиқу пажуҳиши вижагиҳои таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагиро фаро гирифта, муаллиф масоил ва мабоҳиси марбут ба мавзуъро дар се боб тарҳрезӣ ва ҳар бобро ба фаслҳо дастабандӣ намудааст.

Боби аввали диссертатсия « Таҳқиқи луғавии калимаҳои предметии марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» ном дошта, аз 12 фасл ва зерфасл иборат аст. Дар ин боб диссертант дар хусуси масоили назарии лугатшиносӣ ва лаҳҷашиносӣ мулоҳизаронӣ шуда, муҳтавои таҳқиқоти илмии олимони ватанию хориҷӣ, ки барои таҳқиқи вожагон, калимаҳои соҳавӣ ва ҷанбаҳои гуногуни лаҳҷашиносӣ, аз ҷумла вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ заминаи илмӣ фароҳам овbooked, мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз таҳлилҳои дақиқу хулосаҳои эътимодноки

диссертант дар боби якум бармеояд, ки ӯ зимни омӯзишу баррасии боби мазкур ба муваффақиятҳои баланди илмӣ ноил гаштааст.

Боби дуюми диссертатсия зери унвони «Таҳқиқи луғавии вожагони ғайрипредметии марбут ба ҳайвононти хонагӣ» ном дошта, муҳаққиқ дар ин боб ба масъалаи омӯзишу баррасии вожаҳои ғайрипредметии ҳайвоноти хонагӣ аз нигоҳи маъношиносӣ бахшида шудааст. Диссертант ҳангоми таҳқиқи луғавии вожаҳои мазкур хусусиятҳои зоҳирӣ, хислату рафтор, ранги ҳайвонот, дарачаи харобию фарбеҳии ҳайвонот, калимаҳои ифодакунандаи ягон нуқсони чисмонии ҳайвонот, вожагони ифодакунандаи зоти ҳайвонот ва дигар хусусиятҳои маъноии вожаҳои марбут ба ҳайвоноти хонагиро мӯйшикофона мавриди тахқиқи ҳамаҷониба қарор додааст. Зикр кардан бамаврид аст, ки боби мазкур аз ҷиҳати бандубаст, мазмуну мундариҷа, ҷолиби диққат буда, ҳар як фасли боби мазкурро диссертант аз нигоҳи маъношиносӣ таҳлил намуда, аз лаҳҷаи варзобӣ доир ба мавзуи дахлдор мисолҳои фаровон овардааст.

Боби сеюми диссертатсия зери унвони «Таҳқиқи забонӣ, маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ» ном дошта, аз се фасл ва зерфаслҳо иборат аст. Дар ин боб диссертант калимаҳои ифодакунандаи мафҳуми ҳайвоноти хонагиро аз рӯйи таърихи пайдоиш ва мансубияташон ба ин ё он забон ба гурӯҳҳо тасниф намуда, мавқеи калимаҳои тоҷикӣ ва иқтибосиро дар лаҳҷаи варзобӣ бо далелу мисолҳои зиёд нишон додааст. Дар баробари ин, вожаҳои мазкурро аз рӯйи қабатҳои маъноӣ низ мавриди тахқиқ қарор додааст. Калимаҳои мавриди таҳқиқ аз нигоҳи сохтор низ баррасӣ шуда, ба гурӯҳҳои алоҳида дастабандӣ карда шудаанд. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар ин боб низ диссертант ба комёбиҳои илмӣ шарфёб шудааст.

Автореферати диссертатсияи мавриди назар аз чанд ҷиҳат ҷолиби таваҷҷуҳ буда, пеш аз ҳама, зимни таҳқиқу баррасии мавзуъ ва масъалаҳои асосӣ истиқлоли андеша ба мушоҳида мерасад. Натиҷаҳои асосӣ хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 5 мақолаи маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷассум ёфтаанд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи Рӯзиев Меҳрубон Мирaлиевич мазмуну муҳтавои асосии диссертатсияи ӯро инъикос намудаанд.

Бандубаст ва муҳтавои автореферати мазкур ба талаботи фаннию сохтории кунунӣ ҷавобгӯ буда, дар баробари дастовардҳои зиёд дар автореферат баъзе норасоиҳо низ ба мушоҳида мерасанд. Барои беҳбудии корҳои баъдии пажуҳишии довталаби дараҷаи илмӣ зикри чанд нуктаро зарур мешуморем:

1. Ба андешаи мо, дар автореферати диссертатсия баъзан такрори фикру андешаҳо ба мушоҳида мерасанд.

2. Дар автореферати диссертатсия баъзан ғалатҳои имлоӣ ва услубӣ (саҳифаҳои 3, 6, 8, 9, 10, 11, 12, 13) ба чашм мерасанд, ки рафъи онҳо ҳусни корро меафзояд.

Дар маҷмуъ, эродҳои зикршуда, асосан, ҷузъӣ ваислоҳпазир буда, ҳангоми таҳия ва нашри монография ба назар гирифтани онҳо ба арзиш ва аҳаммияти илмию амалии кори таҳқиқии Рӯзиев Меҳрубон Миралиевич ҳусни аз ин ҳам бештар зам менамоянд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Рӯзиев Меҳрубон Миралиевич дар мавзуи “Таҳқиқи луғавӣ-маъноӣ ва сохтории вожагони марбут ба ҳайвоноти хонагӣ”(дар мисоли маводи лаҳҷаи Варзоб (гурӯҳи “варзобӣ”)” ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Номзади илми филология, муаллими
калони кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон Амлоев А. Я.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 917 58 77 78
E-mail: amloev@mail.ru
«02» июня 2023с.

Имзои Амлоев Аминҷонро тасдиқ мекунам:
сардори кадри Донишгоҳи славянии
Россия ва Тоҷикистон Раҳимов А. А.

Суроға: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М. Турсунзода, 30.
Тел.: (+992 37) 221 35 50
E-mail: rtsu-1996@mail.ru
«02» июня 2023с.